Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ - 4 Т
ТКБ - 81.2 Т
К 59

ҚОДИРОВА ФИРӮЗА РУСТАМОВНА

ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОИИ «ҶАҲОННОМА»-И МУҲАММАДИ БАКРОН

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология

Хуҷанд – 2021

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Ғиёсов Нурулло Исматович,**
номзади илмҳои филология, дотсент,
ходими калони илмии Институти
илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии
МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров»

Муқарризони расмӣ: **Қосимов Олимҷон Ҳабибович,**
доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»

Неъматзода Фархунда Турсунбоевна,
номзади илмҳои филологӣ, муаллимаи
калони кафедраи «Лингвистика»-и
Филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар ш.Душанбе

Муассисаи тақриздиҳанда: Институти забон ва адабиёти ба номи
Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ

Ҳимояи диссертатсия 6 майи соли 2020, соати 13:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии рақами 10, толори Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия ва автореферат тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонаи 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» _____ соли 2020 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент: **Дӯстзода Ҳ.Ҷ.**

ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ аз он иборат аст, ки омӯзишу баррасии хусусиятҳои забонии осори асрҳои пешин аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосири тоҷикӣ маҳсуб меёбад**.** Як аломати иқтидори забони тоҷикӣ захираи луғавии хеле бузург доштани он аст, ки ба дороиҳои мавҷудаи он адибону донишмандон дар давраҳои гуногун сарвати бештаре зам намудаанд. Аз ҷумла, дар асри X забони форсӣ-тоҷикӣ як марҳалаи муайяни инкишофро аз сар гузаронидааст ва маҳз дар ҳамин давра (ва асрҳои XII-XIII) услубҳои забони адабӣ ташаккул ёфта буданд, ки бо он осори бешумори илмию адабӣ таълиф гардидаанд.

Хусусиятҳои луғавӣ-маънои осори насрии асри XIII, аз ҷумла «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммад ибни Наҷиби Бакрон то ҳол ба таври алоҳида ва мушаххас мавриди пажӯҳиши ҳамаҷониба қарор нагирифта, аз ҷумлаи қазияҳои муҳими забоншиносии ҳозираи тоҷикӣ ба шумор меояд. Баррасӣ ва таҳқиқи паҳлуҳои забонии «Ҷаҳоннома» як андоза вазъу ҳолати забони адабиро дар асрҳои XII-XIII муайян месозад, зеро муаллиф ба тавассути асари хеш боигариҳои луғавӣ-маънои забони адабии форсӣ-тоҷикии замонашро инъикос намудааст.

Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ. Лексикология ҳамчун пояи асосии забоншиносӣ мавриди назари аксари муҳаққиқон – забоншиносон қарор гирифтааст. Осори назарӣ-таҳқиқии онҳо бо инъикоси масъалаҳои марбута ҳамчун пойдевори захиравӣ дар хидмати амалӣ аст. Аз ҷумла, ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур мо бо такя ба навиштаҳои В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, В.С. Расторгуева, А.А. Реформатский, А.А. Хромов, А.В. Суперанская, П.Н. Хонларӣ, Э.А. Систонӣ, М.Шукуров, Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов, М.Қосимова, Д.Саймиддинов, С.Назарзода, Н.Маъсумӣ, С.Ҳалимов, Р.Ғаффоров, Қ.Тоҳирова, Д.Хоҷаев, С.Сулаймонов, А.Ҳасанзода, О.Ғафуров, Ш.Ҳайдарӣ ва ғ. масъалаҳои гуногунро баррасӣ намудем.

Қайд намудан бамаврид аст, ки муҳаққиқон омӯзиши хусусиятҳои луғавии забони форсӣ-тоҷикиро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими забоншиносӣ мешуморанд: «Дар таърихи забони адабии тоҷик омӯзиши луғат ва сохти грамматикии забони асарҳои нависандагони асрҳои X-XII ниҳоят муҳим аст, зеро махсусан дар ин давра забони адабии тоҷик шакли мукаммал гирифтааст»[1]. Дар асоси ин гуна таъкиду раҳнамоӣ аз ҷониби як гурӯҳ муҳаққиқон хусусиятҳои лексикии осори гуногуни асрҳои пешину имрӯза мавриди таҳлилу баррасии ҷузъиву умумӣ қарор гирифтаанд, ки рисолаву монографияҳои бисёри таҳқиқӣ далели ин гуфтаҳо мебошанд. Аз ҷумла, вобаста ба осори насрии таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ як идда корҳо ба анҷом расидаанд, ки аз ин гурӯҳ таҳқиқоти А.Хасанов[2], А.Давронов[3], С.Назарзода[4], С.Ҳошимов[5], С.Сабзаев[6], Б.Қосимов[7], Ю.Кенҷаев[8], Д.Фозилов[9] ва

---

[1] Беҳбудӣ, Н. Мулоҳизаҳо оид ба забони осори Рӯдакӣ. / Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. –Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1964. – С.116.

[2] Хасанов, А. Лексические особенности «Худуд-ал-олам»: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.02. – Душанбе, 1986. – 22 с.

[3] Давронов, А. Языковые особенности “Кабуснамэ” Унсурулмаоли Кайковуса: дис. ... канд. филол. наук. – Душанбе, 1980. – 180 с.

[4] Назарзода, С. Лингвистическое изучение классических письменных памятников. –Душанбе: АООТ «Матбуот», 2004. – 332 с.

ғайраро ном бурдан мумкин аст. Таваҷҷуҳи асосии муҳаққиқон ба таснифоти этимологӣ, маъноиву мавзӯии лексика, сохтор, инъикоси хусусиятҳои фарқкунанда ва аҳамияту мавқеи вожаҳои хоси асарҳо равона шудааст.

Ҳадафи таҳқиқ омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ-маъноии асар ба шумор меравад ва дар ин замина масъалаҳои зерин баррасӣ хоҳанд ёфт:

-муайян сохтани қабатҳои лексикии асар, хусусиятҳои корбурди унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ;

-ошкор кардани дараҷаи истифодаи воҳидҳои луғавии иқтибосӣ дар асар;

-нишон додани мавқеи вожаҳои фаъол ва ғайрифаъол;

-нишон додани категорияҳои луғавӣ-маъноӣ: муродифот ва калимаҳои зидмаъно;

-муайян намудани мавридҳои истифодаи калимаҳои сермаъно ва ҳамгуна;

-муайян кардани мавқеъ ва навъҳои вожаҳои ономастика.

Объект ва сарчашмаи таҳқиқ. Аз матни аслии «Ҷаҳоннома» ҳамагӣ ду дастхат боқӣ монда, ки дар айни замон яке дар Китобхонаи миллии Париж (№384) ва дигаре дар Санкт-Петербург (дар шӯъбаи Ленинградии ИШ АУ собиқ ИҶШС таҳти № С 612) маҳфуз аст. Дастхати дуюм соли 1892 дар шаҳри Бухоро дарёфт гардидаст, ки нусхаи қадимтарин (662/1265) ба шумор меравад. Ин нусха соли 1960 бо кӯшиши Ю.Е. Боршевский дар шакли факсимиле нашр шудааст[10]. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар давоми таҳсил дар докторантура (PhD)-и МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» маҳз дар асоси ҳамин нусха мо матни асарро ба ҳуруфи сириллик баргардон, таҳия ва тавзеҳ намудем. Китоб бо иқдоми Муасиссаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» дар нашриёти «Хуросон»-и шаҳри Хуҷанд соли 2019 бори аввал дар Тоҷикистон нашр ва дастраси хонандагони тоҷик гардид[11].

Мавзӯи таҳқиқ таҳлилу баррасии «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» мебошад.

Масъалаҳои таҳқиқ аз инҳо иборат аст:

- асоснок намудани мубрамии мавзӯъ ва интихоби он;
- равшан сохтани дараҷаи омӯзиши мавзӯъ;
- маълум намудани ҳадафи таҳқиқ;
- навгониҳои пажӯҳиш;

---

[5] Ҳошимов, С. Хусусиятҳои лексикии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология: 10.02.02. – Душанбе, 1972. – 216 с.

[6] Сабзаев, С. Лексика таджикско-персидского памятника XI века “Кашфу-л-махджуб”: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.02.02. – Душанбе, 1982. – 23 с.

[7] Қосимов, Б. Нигоҳе ба таърихи лексикаи забони порсии дарӣ (дар асоси маводи “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ). Монография. – Душанбе: ДДТ, 1995. – 200 с.

[8] Кенҷаев, Ю. Хусусиятҳои луғавӣ ва калимасозии «Таърихи Байҳақӣ»: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология: 10.02.22. – Хуҷанд, 2004. – 155 с.

[9] Фозилов, Д.Ф. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав. Монография. – Душанбе: ДРТС, 2013. – 168 с.

[10] Бакран, Мухаммад ибн Наджиб. Джахан-наме (Книга о мире). Издание текста, введение и указатели Ю.Е. Борщевского. – М.: Изд-во восточной литературы, 1960. – 160 с.

[11] Бакрон, Муҳаммад ибни Наҷиб. Ҷаҳоннома. Муқаддима, таҳия, таълиқот ва феҳристи Фирӯза Қодирова. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 193 с.

- муаррифии асари ҷуғрофии аз назарҳо дурмонда – «Ҷаҳоннома» ва муаллифи он – Муҳаммад ибни Начиби Бакрон;
- таҳлили хусусиятҳои луғавии «Ҷаҳоннома» аз лиҳози маъно ва сохтор;
- натиҷагирӣ, хулосаи пажӯҳиш оид ба хусусиятҳои луғавӣ-маъноии асар.

Усулҳои таҳқиқ. Мавод ва мақсади таҳлил водор сохт, ки усулҳои диахронӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ пеш гирифта шавад. Ҳамчунин дар мавридҳои зарурӣ усули таҳлилии таҳқиқи қиёсии лексика истифода гардид. Мақсади усули муқоиса на танҳо аз аниқ гардонидани майлонҳои умумӣ, балки боз аз он иборат аст, ки дар ҷараёни таҳлил хусусиятҳои корбурди унсурҳои луғавии асари мазкур ҳам дар замони муаллиф ва ҳам дар забони имрӯза муайян карда шаванд.

Соҳаи таҳқиқ вожашиносӣ (лексикология) буда, масоили яке аз қисмҳои асосии он – номвожаҳо, ки бо истилоҳи байналмилалии *оним* низ ифода мешавад, ки дар мисоли асари номбурда аз лиҳози маъно ва сохтор баррасӣ мегардад.

Таҳқиқи мо марҳилаҳои зеринро дар бар гирифааст:

- интихоби мавзӯъ;
- шиносоӣ бо адабиёти ба мавзӯъ алоқаманд;
- ҷамъоварӣ ва таснифи мавод оид ба мавзӯъ;
- таҳлили маводи таҳқиқ;
- дар амалия татбиқ кардани назария;
- натиҷагирӣ ва хулоса.

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқро таълимгоҳҳои (синфҳои) МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров», ДДҲБСТ ва Коллеҷи омӯзгории МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров», конференсияҳои донишгоҳӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаи таҳқиқ дар дарсҳои лексионию амалии факултетҳои филологияи тоҷик, забонҳои шарқ, таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» истифода шудааст. Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (солҳои 2016-2020**),** дар семинарҳои махсуси факултети филологияи тоҷик арзёбӣ гардидааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқ. Дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои луғавӣ-маъноии асари ҷуғрофӣ – «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон бори аввал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Мо дар диссертатсия ба асари фавқуззикр аз ҷиҳати забонӣ, бавежа ҷанбаи лексикологӣ назар карда, баъзе аз хусусиятҳои лексикии он, аз ҷумла, калимоти аслӣ, иқтибосӣ, муродифот, вожаҳои сермаъно, ҳамшакл, зидмаъно ва ономастикаи таркиби асар (антропонимҳо, этнонимҳо, топонимҳо: ойконимҳо, гидронимҳо, оронимҳо, антропотопонимҳо, спелеонимҳо, зоонимҳо, прагмонимҳо ва ғ.) мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳар кадоме дар алоҳидагӣ шарҳу тавзеҳ гардидаанд.

Аҳамияти назарии таҳқиқро натиҷаҳои ноилшуда, яъне аз нигоҳи илмӣ инъикос намудани истифодаи бойигарии таркиби луғавии забони давр (а.XIII): омор, тарзу усул ва мавриди корбасти вожаҳо аз ҷониби як донишманди ҷуғрофияшинос муқаррар месозад. Арзиши назариявии диссертатсия ва арзёбии масоили таҳқиқ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар он бори нахуст мавқеи

вожаҳои аслию иқтибосӣ, категорияҳои луғавӣ-маъноӣ, онимҳо ва ғ. нишон дода шудааст. Асоси назариявии таҳқиқро комёбиҳо ва принсипҳои пажуҳиши муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, мисли В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, В.С. Расторгуева, А.А. Реформатский, П.Н. А.Л. Хромов, А.В. Суперанская, В.А. Никонов, П.Н. Хонларӣ, Э.А. Систонӣ, М.Шакурӣ, Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов, М.Қосимова, Д.Саймиддинов, С.Назарзода, Н.Маъсумӣ, Б.Камолиддинов, Р.Ғаффоров, Ҳ.Маҷидов, С.Ҳалимов, Т.Зеҳнӣ, Қ.Тоҳирова, Д.Хоҷаев, С.Сулаймонов, А.Ҳасанзода, О.Ғафуров, Ш.Ҳайдарӣ ва дигарон ташкил медиҳад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ. Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми иҷрои корҳои зерин истифода бурд:

- таҳлилу ҳалли масъалаҳои мухталифи таърихи забон;
- тадриси курси «Таърихи забони тоҷикӣ-форсӣ», «Лексикология», «Лексикологияи таърихӣ», «Номшиносӣ» ва ғ.;
- тадвин ва таҳияи мавод барои омӯзиши масъалаҳои марбут ба лексикология ва алалхусус лексикологияи таърихӣ;
- таҳияи китобҳои дарсӣ, дастур ва раҳнамои таълим аз фанҳои таърихи забон, лексикология ва семинарҳои махсуси забон ва услуби насри таърихӣ;
- таҳияи корҳои курсию магистрии марбут ба таърихи забон, лексикология, ономастика ва ғ.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. «Ҷаҳоннома» аз ҷумлаи осори пурбори асри XIII мебошад, ки арзиши бузурги илмӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ ва бадеӣ дорад. Дар равиши таҳқиқи асар сатҳи дониш ва сухандонии Бакрон мушоҳида мешавад, зеро, ба андешаи ӯ, «ҳеҷ василат шоистатар аз анвои илм ва натоиҷи он» нест. Ҳамзамон, забони асар дорои лексикаи пурғановат мебошад, ки барои равшан намудани таркиби луғавии забони форсӣ-тоҷикии ин давр кӯмак мекунад.
2. «Ҷаҳоннома» яке аз манбаъҳои луғату истилоҳоти даврони гузашта ба шумор меравад, ки қисмати бештарашон дар забони адабиву гуфтугӯии муосир низ фаъоланд. Бо фаровонии луғоти аслӣ таркиби луғавии асари мавриди таҳқиқ чун хазинаи пурҷавоҳир маҳсуб меёбад. Вожаҳои иқтибосии арабӣ низ дар асар мавқеи назаррас дошта, аз ҷиҳати миқдор дар ҷойи дуюм қарор доранд. Ҳамчунин, дар асар калимаҳои иқтибосии юнонӣ, румӣ, ҳиндӣ ва туркӣ аз рӯйи зарурият мавриди истифода қарор гирифтаанд.
3. Гуногунрангии маъноии таркиби луғавии «Ҷаҳоннома» бойигарии ҳам забони асар ва ҳам забони тоҷикиро дар асри XIII нишон медиҳад. Калимаҳои сермаъно, ҳамшакл, ҳаммаъно ва зидмаъно дар асар хеле нуктасанҷонаву мавридшиносона истифода шуда, аз унсурҳои ҷолиб ва зеббахши забони асар мебошанд.
4. Дар таркиби луғавии «Ҷаҳоннома» онимҳо нақши асосӣ доранд (800 адад), ки ба шохаву соҳаҳои гуногуни ономастика марбут ҳастанд. Аз ин доира топонимия ва зершохаҳои он (ойконим, гидроним, ороним, спелеоним…)-ро қайд кардан муҳим аст, ки маҷмӯан зиёда аз 600 ададро ташкил медиҳанд.
5. Саҳми муаллиф – Муҳаммади Бакрон, баробари дигар соҳаҳо (ҷурофия, таърих...) дар забоншиносӣ низ қобили қайд аст. Бо вуҷуди ба соҳаи ҷуғрофия

тааллуқ доштани асар, кӯшиши саҳеҳгардонии забони он дида мешавад: истифодаи унсурҳои луғавии оммафаҳм, таъкиди асл ё шеваи дурусти талаффуз ва навишти калима, аз зикри маънӣ холӣ намондани унсурҳои гуногуни луғавӣ, қайди мансубияти забонии вожаҳо, баёни иштибоҳоти ошкору маҷҳул, шарҳу эҳтимоли пайдоиши номҳо, зикри ихтилофи номи мавзеъҳо дар забони китобат ва муҳовара… – ҳама аз вежагиҳои забони асар ба шумор рафта, барои илми забоншиносӣ аҳамияти муҳимми амалӣ ва назарӣ доранд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҷамъоварии мавод вобаста ба нақшаи пешгузошта, бо таҳлилу тасниф муайян кардани муҳимтарин хусусиятҳо ва инъикоси аҳамияти таҳқиқ, омодасозии мақолаву маърӯзаҳо, асоснок намудани фикрҳо бо воситаи пешниҳоди маводу далелҳо зоҳир меёбад.

Маводи фактологии таҳқиқ аз асари ҷуғрофии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуд.

Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он. Диссертатсияи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати чандсола ба ҳисоб меравад. Мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқ дар якчанд конфронсҳо (донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ), аз ҷумла дар конференсияҳои анъанавии апрелии профессорону устодони МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (2016-2020) ироа шудааст.

Интишороти натиҷаҳои диссертатсия. Оид ба мавзӯи мавриди таҳқиқ 9 мақола таҳия шуда, 4-тояш дар маҷаллаҳои илмии дорои иҷозати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон («Номаи донишгоҳ», «Ахбори ДДҲБСТ» (2 адад), «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон») ва боқимонда дар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ нашр шудаанд.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи забони тоҷикии МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (қарори №9, аз 18.04.2020) ва кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи милли Тоҷикистон (қарори №8, аз 1.12.2020) муҳокима гардида, барои баррасии навбатӣ пешниҳод гардидааст.

Сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва номгӯйи адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима зарурату аҳамият, дараҷаи омӯзиш, навгонӣ ва методҳои таҳқиқ асоснок гардида, объект, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, аҳамияти назариявию амалии кор ва нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия дарҷ карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия «**Гурӯҳбандии лексикаи «Ҷаҳоннома»** ном дорад. Он аз ду фаслу ду зерфасл таркиб ёфта, дар мавриди қабатҳои лексикии асар: калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ маълумот медиҳад.

1.1. Калимаҳои аслӣ ва таснифоти онҳо. Калимаҳои таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати баромад ба ду гурӯҳ (аслӣ ва иқтибосӣ) ҷудо гардида, қисмати асосии онро воҳидҳои аслӣ ташкил медиҳанд. Дар «Ҷаҳоннома» калимаҳои аслӣ мақоми асосӣ дошта, гурӯҳи муайяни вожаҳои таркиби луғавии асарро ташкил мекунанд. Ба ин гурӯҳ метавон як идда калимаҳоро дохил намуд,

ки дар асар ва ҳам дар нутқи имрӯза доираи истифодаи васеъ доранд (*андак* [117][12], *андом* [101], *банд* [162], *барг* [96], *бод* [74], *ганда* [140], *гилем* [161], *дарвоза* [70], *даст* [100], *девор* [135], *деҳа* [106], *дил* [60], *дору* [155], *забон* [120], *зимистон* [92], *кирм* [140], *кор* [113], *мард* [93], *мева* [115], *миён* [111], *нарм* [83], *нома* [160], *об* [78], *овоз* [94], *оташ* [138], *офтоб* [68], *падар* [156], *русто* [105], *рӯз* [141], *сар* [129], *сол* [66], *сӯрох* [160], *тухм* [90], *хишт* [135], *хок* [150], *хум* [97], *чашм* [150], *чӯб* [154], *ях* [103] ва ғ.), яъне бо вуҷуди гузашти асрҳо серистеъмол ҳастанд ва бо хусусияти оммафаҳмӣ фаровон истифода мегарданд: Лаъл. Кони ӯ ба Бадахшон бошад ва ҷое дигар набошад… Ва баъзе лаълҳо берун ояд дар ғилофе, пас хоиске латиф оҳиста бар вай зананд, то ғилоф бишканад [146].

Дар иқтибоси зикршуда дар мавриди маъхази «яке аз сангҳои қиматбаҳои сурх аз ҷинси ёқут», маълумот оварда шудааст. Вожаи мазкур (лаъл) муарраби «лол» буда, бино ба ишораи аллома А.Деҳхудо *лол* миёни забонҳои форсӣ ва ҳиндӣ муштарак аст[13].

Кураи **заминро** чун ба чаҳор қисмат кунӣ, се рубъ аз он ҷумла дар **об** аст ва баҳри Муҳит бар вай муштамил аст [65].

Замин мутобиқи мавзӯи асар аз вожаҳои фаъол (зиёда аз 70 маротиба)-и «Ҷаҳоннома» ба шумор меравад. Сохти ин вожа аз «зам» ба маънии сардӣ ва пасванди *-ин*, ба монанди *симин* ва *зарин* таркиб ёфтааст. Паҳлавии он низ аз ҳамин реша ва пасванди *-ик* мебошад: **zamik**. Гунаи авастоӣ: **zam** ва ҳиндии бостон: **jma** (рӯйи замин) аст[37].

Вожаи *об* низ аз ҷониби Бакрон зимни муаррифии мавзеъҳои гуногун, махсусан дар доираи 4 фасли асар («Дар зикри дарёҳо»; «Дар зикри буҳайраҳо»; «Дар зикри ҷазираҳо, ки дар дарё бошад»; «Дар зикри ҷайҳунҳо») ба ҳамин маънии маъмули муосир (моеи шаффоф) ба таври васеъ (зиёда аз 100 маротиба) ба кор рафтааст.

Ба ин монанд, калимаҳои аслӣ дар таркиби асар хеле фаровон буда, вобаста ба хусусиятҳои маъноияшон ба гурӯҳҳои калимаҳои ифодакунандаи: 1.мафҳуми марбут ба инсон, яъне исми шахс (*зан* [80], *мард* [93], *кас* [108], *доя* [134]...); 2.номи ҳайвонот, паррандагон ва хазандаҳо (*асб* [88], *гов* [139], *мурғ* [90], *кирм* [140], *мор* [141], *наҳанг* [79], *гург* [93], *шер* [109]...); 3.соматизмҳо (*даст* [143], *сар* [29], *рӯ* [132], *чашм* [150], *забон* [120], *ангушт* [143]...); 4.мафҳумҳои касбу ҳунар, машғулият ва унвонҳо: (*бозаргон* [130], *заргар* [155], *рӯйгар* [164], *дузд* [111], *подшоҳ* [165]...); 5.номҳои либосворӣ ва таҷҳизоти ороишӣ (*ҷома* [94], *ангуштарӣ* [139], *гавҳар* [155], *пирӯза* [148]…); 6.мафҳуми макон ва минтақаҳои гуногун (*бӯстон* [123], *дара* [79], *дарё* [73], *деҳа* [106], *бозор* [135], *хона* [113]...); 7.мафҳумҳои мавҷудот ва падидаҳои табиӣ (*осмон* [167], *офтоб* [155], *барф* [67], *борон* [137], *об* [140], *оташ* [81], *хок* [96], *замин* [59]…; 8.мафҳумҳои миқдор, масоҳат, вақт ва фаслҳои сол (*як* [62], *ду* [133], *даҳ* [71], *бист* [60], *газ (воҳиди андозагирӣ)* [138], *фарсанг* [69], *баҳор* [140], *зимистон* [103], *сол* [66]...);

---

[12] Бакрон, Муҳаммад ибни Наҷиб. Ҷаҳоннома. Муқаддима, таҳия, таълиқот ва феҳристи Фирӯза Қодирова. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 193 с. Минбаъд ҳангоми овардани далел бидуни ишора дар поварақ танҳо саҳифаи китоби мазкур оварда мешавад.

[13] Деҳхудо, А. Луғатнома. Иборат аз 15 ҷилд. –Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1337. Ҷ.12. –С. 19549; Ҷ.9. –С. 12927.

9.мафҳумҳои марбут ба меъморӣ ва сохтмон (*гунбад* [132], *сутун* [134], *девор* [135]...); 10.мафҳумҳои соҳаи боғдорӣ, кишоварзӣ ва рустанӣ (*анор* [143], *себ* [143], *гул* [153], *гиёҳ* [138], *дору* [155], *равған* [97]...; 11.номи моддаҳои кимиёвӣ ва маҳсулоти қимат (*зар* [145], *нуқра* [92], *оҳан* [137], *навшодир* [112]...); 12.номи ашё ва олоти гуногун (*гилем* [161], *корд* [154], *табар* [133], *куланг* [133], *кištӣ* [77]...) ҷудо намудан мумкин аст.

Чунонки таъкид намудем, вожаҳои зикрёфта ба ҳамон шаклу маънои қадимаи худ имрӯз низ ҳам дар забони адабӣ ва ҳам забони гуфтугӯӣ мавриди истифода қарор доранд. Дар баробари ин, қисмати дигари воҳидҳои луғавии аслии таркиби асар бошанд, назар ба замони муаллиф (асрҳои XII-XIII) имрӯз нисбатан камистеъмолу душворфаҳманд. Вобаста ба таснифоти илми забоншиносӣ мо вожаҳои ғайрифаъоли «Ҷаҳоннома»-ро ба ду гурӯҳ: кӯҳнашуда – *барда* (ғулом) [155], *донг* (шашяки ҳар чиз; воҳиди вазн) [65], *ман(н)* (воҳиди вазн) [145] ва ғ; ва адабӣ-китобӣ – *астар* [143], *кашаф* (сангпушт, локпушт) [139], *рахт* (либос, асбоб) [111], *куном* (ҷойгоҳ ва ошёни ҳайвонот; чарогоҳ) [143], *зеҳ* (зоиш) [139] ҷудо намудем.

1.2. Калимаҳои иқтибосӣ. Бакрон барои таъсирбахшии андешааш дар баробари калимаҳои аслӣ аз калимаҳои забонҳои дигар, амсоли арабӣ, юнонӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва ғ. бамаврид истифода намудааст. Муаллиф мансубияти забонии бархе вожаҳоро бо таркибҳои мувофиқ қайд намуда, кӯшидааст, ки фикрашро ба хонанда фаҳмову дастрас созад. Масалан, дар фасли ҳабдаҳум зимни овардани маълумот дар бораи сангҳои қиматбаҳо вожаи «булӯр»-ро шарҳ дода, ҳамчунин тарҷумаҳои онро низ ба забонҳои дигар қайд намудааст: Булӯр. Санге маъруф аст ва дар ҷӯйҳои ҷазираи Сарандеб бошад ва аз он ҷо оранд ва аввал ба Ҳиндустон афтад. Ва аз вай навъе бошад ба сапедӣ моилтар, аммо шафифи ӯ камтар, **ӯро ба тозӣ «маҳо» хонанд ва ба порсӣ «ях андар об»** [149].

Ҳамчунин, Бакрон ба тавассути шарҳи муфассали мавқеи ҷойгирӣ ва намуди зоҳирӣ номи барои форсизабонон як андоза «бегона»-ро муаррифӣ намудааст: Дар дарёи Ҳиндустон ҳайвоне аст, ки сару даст ва беш нимаи ӯ монанди моҳӣ, аммо дандонҳо ва панҷа дорад. Ва вақт бошад, ки он ҳайвонро дар ҷайҳунҳову рӯдҳои бузург мебинанд. Ва ҳиндувон ӯро «مكر» (макр/макар) мехонанд [139].

Ҳамин тавр, вомвожаҳои таркиби луғавии «Ҷаҳоннома»-ро унсурҳои забонҳои гуногун ташкил медиҳанд ва дар зерфаслҳои минбаъда мансубияти забонии калимаҳои иқтибосии таркиби асар ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ ёфтаанд.

1.2.1. Калимаҳои иқтибосии арабӣ ва мавқеи онҳо. Аз ҷиҳати доираи истеъмоли калимоти иқтибосӣ теъдоди бештар ва назарраси таркиби луғавии «Ҷаҳоннома»-ро вожаҳои арабӣ ташкил медиҳанд: Аммо **тимсоҳ** *наҳанг* бошад ва авом моҳии бузург азимро «наҳанг» гӯянд ва дар асл на чунон аст, балки наҳанг худ ҳайвоне дигар аст, ки дар буни Нили Миср бошад [100].

Чунонки мушоҳида намудан мумкин аст, муаллиф бо зикри ном (тимсоҳ) ва муродифи тоҷикӣ (наҳанг) ба хонанда муайян кардааст, ки ин ду ҳайвони обӣ тамоман аз ҳам фарқ доранд. Ба ин монанд, Бакрон дар аксар ҳолат калимаҳои ғайрро бо зикри мансубияти забонӣ мавриди тавзеҳ қарор дода, сабаби номгузориҳоро бо қайди далелу воқеоти таърихӣ асоснок менамояд. Ин амал аз як

тараф ҷанбаи илмии асарро таъмин намояд, аз тарафи дигар матнро боз ҳам ҷолибу хонданибоб нишон медиҳад.

Арабизмҳои дар асар мустаъмалро вобаста ба дараҷаи истеъмол дар замони муосир ба ду даста гурӯҳбандӣ намудем:

1. Серистеъмол. Дастаи аввал вожаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба савтиёти забони тоҷикӣ кайҳо мувофиқу мутобиқ гардонида шудаанд ва имрӯз аз рӯйи дараҷаи истифода хеле серистеъмол ҳастанд. Мо ин дастаи калимаҳоро аз ҷиҳати ифодаи маъно ба зершохаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои замон (*баъд* [73], *вақт* [81], *ғуруб* [143], *давр* [97], *тулӯъ* [81], *замон* [81] ва ғ.); макон (*баҳр, ватан, давлат, дунё, заҳр (ақиб)* [75], *мавзеъ* [62], *ҷазира* [92] ва ғ.); миқдору андоза: (*аввал* [62], *адад* [126], *дараҷа* [155], *қадар* [142], *ҳаҷм* [88] ва ғ.); инсон (*асҳоб* [62], *ғулом* [161], *маллоҳ* [87], *малик* [165], *табиб* [131], *қавм* [125],ва ғ.); аломату вазъ (*аҳвол* [60], *қувват* [87], *хосият* [128] ва ғ.); эҳсос (*одат* [65], *сабр* [161], *фароғ* [60]); амалу рафтор (*зикр* [123], *машғул* [60], *хидмат* [59] ва ғ.); асбобу ашё (*китоб/кутуб* [63], *шеър* [120], *рисолат* [60], *заврақ* [100] ва ғ.); исми маънӣ (*ғалаба* [99], *илм/улум* [59], *маълум* [85], *маънӣ* [115], *нафс* [84], *сабаб* [78] ва ғ.) ва гуногун (*асар* [81], *мавҷ* [84], *мисол* [66], *умқ* [77], *умр* [142], *хабар* [96], *ҳосил* [63] ва ғ...) ҷудо намудем:

Чи тавре ки ишора гардид, калимаҳои зикршуда ба истилоҳ «мувофиқгардида» буда, дар айни замон серистеъмол ҳастанд ва зимни истифода маъноянҳон бидуни ягон душворӣ дарк мешаванд: Ба ҳар **мавзеъ** дар **олам Ҳақ(қ) Таъоло аҷоиби** бисёр офаридааст ва **ҷамъ** кардани он **муяссар** нагардад [132]; **Баъзе** аз **аҷноси мардумро** ба **сабабе** аз **асбоб** аз **ватани** хеш **таҳвил** афтодааст ва ба **мавзеи** дигар **сокин** шудаанд [125];

2. Камистеъмол. Дар дастаи дуюм калимотеро номбар намудан мумкин аст, ки зимни дарки онҳо хонандаи имрӯза як андоза мушкилӣ кашида, барои шарҳашон ба фарҳангҳо рӯй меоварад, ба ифодаи дигар, ин гурӯҳи калимаҳо камистеъмол мебошанд. Ба монанди: *буҳайра (тасғири баҳр аст, ба маънии кӯл)* [86], *валуъ (ҳарис, озманд)* [64], *қарҳа (захм, реш, ҷароҳат)* [131], *килла (рӯпӯш, соябон; хайма задан)* [117], *мулаввас (олуда ба чирк)* [155], *мутавотир (паҳн, васеъшавии сатҳи об)* [88], *тасҳиф (хато хондан)* [127], *тақсир (кӯтоҳӣ, сустӣ)* [61], *тақтир (қатра-қатра чаконидан)* [152], *салҷ (барф)* [67], *рутаб (хурмо)* [129], *фурза (бандар, ҷойи даромади киштӣ)* [143], ва ғ., ки тақрибан зиёда аз 80 ададро ташкил медиҳанд.

Ин вожаҳо бо гузашти солҳову асрҳо аз доираи истеъмол берун гардидаанд ва зимни хондан ба нофаҳмиҳо меоваранд: …дар навоҳии Порс панҷ **буҳайра** аст, аммо номҳои он **мубҳам** дидаем ва ба **тасҳиф** хонда ва ҳақиқати он **асомӣ** маълум нест [90].

Аз мутолиаи матни асар ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллиф бо мақсади такрор наёфтани вожаҳо муродифҳоро ба кор бурдааст. Аз ҷумла, вожаи «асомӣ» шакли ҷамъи исм буда, маънои «номҳо»-ро дорад. Ба ин монанд, муродифҳои калимаҳои дигарро низ дар мавридҳои гуногун мушоҳида намудан мумкин аст: Аз ҳар навъе дар ҳар фасле аз ин, он-ч **иқтизо** кунад ва ин рисолат эҳтимол кунад, оварда шавад бар сабили **эҷоз** ва ихтисор то мӯҷиби малолат нагардад. Чи агар ин маъонӣ ба тамомиву **истиқсо** шарҳ дода ояд, муҷалладҳо

таълиф бояд кард ва ҳанӯз **истифои** он наравад ва муаллиф **ба аҷзу тақсир** мансуб бошад [61].

Вожаҳои ишорашуда (*иқтизо – тақозо, эҷоз – кӯтоҳ кардан; истиқсо – бо кӯшиши зиёд, яъне муфассал; истифо – комил, пурра; ба аҷзу тақсир – ба нотавониву кӯтоҳӣ*) имрӯз асосан хоси забони китобҳои илмӣ буда, дар доираи маҳдуд ба кор мераванд.

Зимнан, бояд қайд намуд, ки дар «Ҷаҳоннома» ҷо-ҷо ҷумлаҳои арабиро низ дида метавонем: ...Ва атаваккалу алайҳи ва биҳи настаъин. ал-Ҳамду ли-л-Лоҳи рабби-л-оламин ва-с-салоту ала-н-набиййи Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи-т-таййибина-т-тоҳирин ва саллама таслиман касиро [59]. Тарҷума: ...Ба ӯ таваккал менамоям ва аз ӯ ёрӣ талаб мекунам. Ситоиш барои Худо, офарандаи ҷаҳониён. Ва дуруду саломи бепоён бар пайғамбар Муҳаммад ва пайвандону ёрони хубу поки ӯ.

Ба ин монанд, Бакрон барои тасдиқи маълумот оятҳои Қуръон, аз ҷумла зимни муаррифии «Асҳобу-р-рақим» [162] ва «Яъҷуҷу Маъҷуҷ» [164] оятҳои сураи «Каҳф»-ро ба ҳайси далел овардааст.

Азбаски ин масъала берун аз доираи мавзӯи таҳқиқи мо аст, бо таъкиди ин нукта, ки ин гуна унсурҳои арабӣ, яъне ҷумлаҳо дар асар фаровон набуда, дар мавридҳои зарурӣ ба кор рафтаанд ва аҳён-аҳён ба назар мерасанд, иктифо мекунем.

1.2.2. Калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои дигар. Ба ҷуз вомвожаҳои арабӣ дар асар, ҳамчунин, калимаҳои иқтибосии юнонӣ (*иқлим* [67], *уқёнус* [92], *алмос* [147], *марҷон* [148], *мис* [151], *ёқут* [146], *марворид* [145], *зумуррад* [147], *булӯр* [149]. *баласон* [142], *мумиё* [142], *тарёқ* [95], *қайсар* [160], *далфин* [83] ва ғ.) румӣ (*сақанқур* – ҷинси моҳӣ [100]), ҳиндӣ (*бараҳман* [166], *бут* [134], *кофур* [94], *мушк* [154], *сандал* [154], *шакар* [129] ва ғ.), туркӣ (*қаловуз* [163]) ва ғ. бо миқдори андаке истифода гардидаанд. Чунонки аз мисолҳои қайдёфта бармеояд, пас аз вомвожаҳои арабӣ калимаҳои юнонӣ гурӯҳи дуюми иқтибосоти асарро ташкил медиҳанд. Қисме аз ин калимаҳо бевосита аз забонҳои зикргардида ва қисми дигар ба тавассути забони арабӣ вориди забони мо гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки аксари калимаҳои забонҳои зикршуда имрӯз дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ серистеъмол ва «худӣ» ҳастанд ва кулли ашхоси аз доираи ин масъала берун ғайриаслӣ будани онро пай намебаранд: Хатҳои тӯлонӣ аз машриқ бо ҷиҳати мағриб хатҳое аст, ки **ақолими** ҳафтгонаро аз якдигар ҷудо кунад ва бар ҳар ду тарафи ӯ номи **иқлим** ба сиёҳӣ навишта, ки аввал ва дувум ва сеюм ва ҳамчунин, то маълум шавад, ки ҳар шаҳре дар кадом **иқлим** аст [67]. *Иқлим* – шакли муарраби «**klima**»-и юнонӣ, ки маънии аслии он «хамидагӣ ва инҳино ва инҳироф буда ва истилоҳан ба маънии тамоюл ва инҳирофи ноҳияе аз замин нисбат ба офтоб» аст[14]. *Иқлим* дар забони арабӣ маънии «минтақае аз манотиқи замин» дорад, ки онро дар гузашта ба ҳафт қисм (ҳафт иқлим) ҷудо намудаанд ва *ақолим* шакли ҷамъи он аст, ки дар «Ҷаҳоннома» яке 4 ва дигаре 2 маротиба ба ҳамин маъно истифода шудааст.

[14] Деҳхудо, А. Луғатнома. Иборат аз 15 ҷилд. –Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1337. Ҷ.1. –С. 152.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзишу таснифи таркиби луғавии «Ҷаҳоннома» ба хулосае расидем, ки қисмати бештари асарро калимаҳои аслӣ ташкил медиҳанд ва аксари онҳо дар забони адабиву гуфтугӯии муосир низ бо ҳамон шаклу маънои қадимаи худ фаъол буда, танҳо миқдори андаке аз истифода бозмондаанд. Далели равшани ин аз мисолу таҳлилҳои дар диссертатсия суратгирифта дарёфтан мумкин аст. Вожаҳои арабии таркиби асар пас аз калимаҳои аслӣ аз ҷиҳати миқдор дар ҷойи дуюм қарор доранд. Дар натиҷаи таҳлилу мушоҳидаҳо маълум гардид, миқдори бештари ин калимаҳо то ба имрӯз мавқеъ ва аҳамияти худро гум накарда, баробари калимаҳои аслӣ вазифаҳои муайяну мушаххасеро ба иҷро расонида истодаанд. Ҳамзамон, як гурӯҳи маҳдуде бо сабабҳои гуногун имрӯз камистеъмол ва ё умуман ғайрифаъол гардидаанд. Калимаҳои иқтибосии юнонӣ, румӣ, ҳиндӣ ва туркӣ бошанд, бо зарурат мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Боби дуюм – **«Категорияҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»** ном дорад. Бо мақсади муайян намудани гуногунрангии забони асар ин боб ба омӯзиши хусусиятҳои маъноии калимаҳои таркиби он бахшида шудааст.

«Ҷаҳоннома» аз ҷумлаи хазинаҳоест, ки оид ба вазъу шароит, хусусияту ҷолибият, афзалияту норасоии мавзеъ ва минтақаҳо бо забон ва тарзи баёни қобили таваҷҷӯҳ ва бисёр шавқовар маълумоти ҷуғрофӣ медиҳад. Яке аз хусусиятҳои асар дар он аст, ки муаллиф дар баробари зикри истилоҳоти гуногун аз таърих, сифату хусусият, ҳаҷму ҳудуд, шаклу намуди зоҳирӣ нақл карда, ҳамзамон маънии луғавии вожаҳоро низ баён намудааст: Дар ҳадди Фаластин аз ҳудуди Шом буҳайраест ба наздикии шаҳре, ки онро **Зуғар** гӯянд ва ин буҳайраро низ буҳайраи «**Маййита**» хонанд, *яъне мурда*. Ба сабаби он-к дар вай ҳеч ҳайвон набошад, на моҳӣ ва на ҳайвоне дигар [89].

Чунонки мушоҳида намудан мумкин аст, муаллиф ин ҷо бо зикри муродифи тоҷикӣ (мурда) номи буҳайра ва сабаби чунин номгириро тавзеҳ додааст. Бояд қайд намоем, ки ин хусусият дар бисёр маврид ба назар мерасад, вожаҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно шарҳ ёфта, ҳамчунин, тафовути онҳо нишон дода шудааст: Дар фасли аввал гуфта омадааст, ки баҳри Муҳит гирди рубъи маскун даромадааст аз ҳама ҷонибҳо, аммо ду шохи бузург аз ӯ ба ҷониби иморат дарояд, яке аз сӯи машриқ ва он бузургтар аст ва онро дар кутуб «Халиҷи машриқӣ» хонанд ва дигаре аз сӯи мағриб ва он хурдтар аст ва ӯро «Халиҷи мағрибӣ» хонанд. Ва ин ҳар ду шохро ба итлоқ «дарё» хонанд ва ба тозӣ «баҳр» хонанд, мутлақ ба сабаби он-к ба баҳри Муҳит пайвастааст. Ва ҳар дарё, ки ба баҳри Муҳит пайваста набошад, ӯро дарё нахонанд, «буҳайра» хонанд ба лафзи тасғир дарё, чун «Обаскун» ва амсоли он [73].

Ҳамин тавр, дар ҷараёни омӯзиш маълум гардид, ки дар таркиби асар категорияҳои гуногуни луғавӣ-маъноӣ аз қабили калимаҳои сермаъно, ҳамшакл, ҳаммаъно ва зидмаъно мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки дар зерфаслҳои боби мазкур бо зикри далелҳо гурӯҳбандӣ шудаанд.

2.1. Калимаҳои сермаъно. Омӯзиши мавқеи калимаҳои сермаъно дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз ҷумлаи мавзӯъ ва масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, ки то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони зиёд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, фикру андешаҳои гуногун баён гардидаанд. Бо дарназардошт ва такя ба дастуру ақидаҳои забоншиносон мо нақши калимаҳои сермаъноро дар асари

ҷуграфӣ аз назар гузаронидем. Маълум гардид, ки сермаъноӣ дар осори ҷуғрофӣ низ нақш ва мавқеи назаррас дорад, зеро ба маъноҳои гуногун истифода гардидани як калима яке аз хусусиятҳои тарзи баёни Бакрон мебошад. Ҳар як маънои калимаи сермаъно ҷой ва мавриди истеъмоли худро дорад ва ин хусусият аз ҷониби Бакрон низ бамаврид истифода шудааст. Як аломати ин гурӯҳи луғавӣ дар ҳифзу нигаҳдории маъноҳо мебошад, зеро аксари маъноҳои дар асар инъикосгардида дар забони муосири тоҷикӣ низ ба назар мерасанд. Масалан, вожаи «сар» аз маъмултарин воҳидҳои сермаънои забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Дар таркиби «Ҷаҳоннома» ин вожа ба таври фаровон (зиёда аз 40 маротиба) барои ифодаи маъноҳои гуногуне корбаст шудааст. Аз ҷумла ба маънои аслӣ, яъне узви бадан: Аҳли Хузистон... ба гуна зард бошанду лоғар бошанд ва мӯи **сару** маҳосин (риш – Ф.Қ.) ва дигар мӯйҳои эшон кам бошад [129]; ...наҳанг худ ҳайвони дигар аст, ки дар буни Нили Миср бошад. Ва ӯ дасту пой дорад ва **сару** тани вай дароз бувад ва **сари** ӯ чанди як нима аз тани ӯ ба дарозӣ… [100].

Дар ҷараёни омӯзиши ин мавзӯъ дар «Ҷаҳоннома» истифодаи калимаи «сар»-ро ба ҷуз маънии аслӣ барои ифодаи 5 маънои дигар мушоҳида намудем, ки инъикоскунандаи ғаномандии забони он мебошад:

1) ***Қулла, боло***: …кӯҳе бошад (Ҳорис – Ф.Қ.), чунон-к бар **сари** ӯ кам касе расад… [108];

2) ***Нӯг***: Ва ҷумла аъзои ин суратҳо миёнтиҳӣ аст ва аз кафи пои эшон роҳе аст, ки бар он ҷо тавон шуд ва ба нардбон пойҳо кардаанд, чунон-к дар андаруни ҷумла аъзои эшон битавон гашт то ба **сари** ангуштон [134].

3) ***Огоз, аввал*:** Ба Порс шаҳре аст, ки онро «Доробгирд» хонанд. Ба наздикии ӯ кӯҳе аст ва дар вай дарае… Ва бар **сари** ин дара деҳе аст [142].

4) ***Назди, паҳлӯ*:** Ҳам дар Порс деҳе аст ва он ҷо чоҳе дар миёни ду кӯҳ аз вай дуд бармеояд ва ҳарорате азим, ки ҳеч кас фаро **сари** чоҳ натавонад шуд, аз ғояти гармӣ... [140].

5) ***Намоёншуда*** **(**дар таркиби ибора**)**: Дар баъзе аз биёбони Мукрон гӯянд, санге меёбанд **сар аз замин бароварда**... [144].

Бар иловаи ин мисолҳо қайд намудани он нукта бамаврид аст, ки маъноҳои номбаршуда имрӯз низ ҳам дар забони адабӣ ва ҳам нутқи гуфтугӯӣ фаъол мебошанд.

Ба ин монанд, калимаҳои дигар низ бо маъниҳои гуногун ба кор рафтаанд:

➢ *даст* – 4 маъно (**кафи дасти одамӣ –** узви бадан; **бар дасти чап/бар дасти рост –** самт, тараф; **миқдори як ба даст –** воҳиди андоза, нумератив; **ба даст оранд** (воҳ.фраз.) **–** ба даст даромадан, пайдо кардан).

➢ *сурат* – 3 маъно (**расм, акс, тасвир; ҳайкал, муҷассама; шакл, намуд, монанд**).

➢ сифати *азим* – 6 маъно (**бузург, тавоно; фарох, калон; васеъ, дароз; сахт; баланд, гармии баланд;** ***хеле азим*** **–** зарфи миқдору дараҷа);

➢ феъли *андохтан* – 7 маъно (**партофтан; ҳаво додан**; **ҳазф кардан; пӯшидан, рӯйпӯш намудан**; **пинҳон кардан**; **рехтан**; **ҳамла кардан**);

➢ феъли *кашидан* – 10 маъно (**давом намудан, кашол ёфтан; тасвир кардан; расидан; андохтан, ворид кардан, кашола кардан; афрохтан**; **сохтан, бунёд**

кардан; **молидан**; **пайвастан, мансуб будан**; **аз поён баровардан, берун кардан**; **гирифтан**).

2.2. Калимаҳои ҳамшакл. Чун «Ҷаҳоннома» асари илмӣ-ҷуғрофӣ мебошад, мо дар таркиби он нисбат ба дигар қабатҳо ин гурӯҳи лексикиро бо миқдори кам дарёфт намудем ва бо такя ба таснифоти Д.Фозилов[15] онҳоро аз рӯйи мансубияти лексикӣ ба гурӯҳҳои зерин тасниф сохтем:

1. **Омонимҳои лексикӣ**. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ як гурӯҳи муайяни омонимҳоеро дидан мумкин аст, ки танҳо ба як ҳиссаи нутқ хос мебошанд. Аз ҷумла, дар «Ҷаҳоннома» мо вожаи «ҷома»-ро бо чунин хусусият мушоҳида намудем:

а) либос: Ва бештар бараҳна бошанду **ҷома** напӯшанд ва набошад эшонро [115];

б) нақша, яъне харита: Пас, сурати рубъи маскун аз замин ва мавозеи вилоятҳову шаҳрҳо ва дарёҳову ҷайҳунҳо ва кӯҳҳову биёбонҳо ва ғайри он бар он ҷома сабт кард [59].

Дар таркиби асар истилоҳи ҷома ҳамагӣ 21 маротиба омада, 7 мавриди он барои баёни мафҳуми «харита» ба кор рафтааст. Бо омӯзишу таҳлили маводи сарчашмаҳои гуногун маълум шуд, ки калимаи форсӣ-тоҷикӣ «ҷома» бори аввал аз ҷониби Бакрон ба маънои «харита» корбаст шудааст.

Вожаи дигар, ки аз ҷониби худи муаллиф чандбора таъкиду таҳлил ёфтааст, *ҷайҳун* мебошад: …ҷӯи бузургро «рӯд» хонанд ва авом рӯди бузургро «**ҷайҳун**» хонанд, аммо **Ҷайҳун** дар луғати араб номи ӯ рӯди бузург аст, ки бар Тирмиз гузарад ва ба Хоразм ояд ва аз он ҷо ба буҳайраи Ҷанд равад [99].

Бакрон ин ҷо таъкид сохтааст, ки дар забони гуфтугӯии форсӣ-тоҷикии ҳамон давр вожаи «ҷайҳун» на танҳо ба маънои топонимии худ, балки ба маънии умуман «рӯди бузург» кор фармуда мешудааст.

2. Омонимҳои лексикиву морфологӣ. Ин гурӯҳ омонимҳоеро фарогир аст, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд. Масалан, дар ҷумлаҳои зер калимаи бод ба ду маъно: ҳамчун исм «ҷараёни ҳаво, вазиши ҳаво, шамол» ва ҳамчун феъл «шакли кӯтоҳшудаи бошад» истифода гардидааст: Ва агар **бод** рост ҷаҳад, як **бод** аз мабдаи халиҷ киштиро ба ниҳоят расонад [74]; ...подшоҳи рӯи замин, фармондеҳи Машриқу Мағриб, ки умраш ҷовидон **бод** [166].

Ба ин монанд, дар таркиби асар як гурӯҳ омонимҳои лексикиву морфологиро мушоҳида намудан мумкин аст:

- ***рӯй*** – а) симо, чеҳра, рухсор; б) филиз (номи як навъ мис, ки барои сохтани зарфҳо истифода мегардад);
- ***хост*** – а) хоҳиш кардан, ирода намудан, мақсад гузоштан; б) Хестан, баланд шудан; в) пайдо шудан, бар мансаб омадан;
- ***заҳр*** – а) модда ё доруи кушанда, сам(м); б) пас, ақиб.

3. О**монимҳои ономастикӣ**. Аз он сабаб ки яке аз калимаҳои омонимӣ исми хос буда, номи мавзеъ ва ё шахсро ифода менамоянд, мо ин гурӯҳро чунин ном гузоштем. Масалан, вожаи *ширин*:

---

[15] Фозилов, Д.Ф. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав. Монография. – Душанбе: ДРТС, 2013. –С. 121-124.

1) ***номи шахс***: …Ва ҳамчунин сурати **Ширин** аст ва бисёр суратҳои дигари аз санг тарошида дар ин кӯҳ [110-111].

2) ***номи ҷавҳар***: Даҳна. Ин ҷавҳар ду навъ бошад: якеро «**ширин**» хонанд ва якеро «турш» [149].

-*Газ*:

1) ***номи дара***: Ва ин девор, ки бар дараи **Газ** ва Бовард ба наздикии деҳаи Бағуда мегузарад... [135].

2) ***воҳиди андозагирӣ***: Дар ҳудуди Шарвон ва Бокуя бар замин ҳамчунин мавзее аст, ки он ҷо ба ду ҷойгоҳ оташ месӯзад, яке бузургтар, дар **ҳадди ҳазор газ дар ҳазор газ** ва дигаре хурдтар, **ба ҳадди сад газ дар сад газ** ва ҳамчунин ба рӯз дуд кунаду ба шаб оташ. Ва миёни ин ҳар ду мавзеъ қариб **дувист газ** бошад [137-138].

Ҳамчунин, омонимҳои ономастикии дигарро, амсоли:

- ***Одам*** – а) номи нахустинсон (Одам, алайҳи-с-салом) [95]; б) инсон, шахс [163];
- ***Хона*** – а) номи ҷазира [75]; б) иморат, ошён [132];
- ***Мино*** – а) номи кӯҳ [108]; б) маводи ҷилодор, ки обгинаро ранги сабз мекунад [151];
- ***Банда*** – а) номи об дар миёни Каркаскӯҳ [111]; б) ман, камина (ифодаи хоксорӣ) [60] ва ғ. мушоҳида намудан мумкин аст.

2.3. Калимаҳои ҳаммаъно. Зимни омӯзиш маълум гардид, ки дар «Ҷаҳоннома» аз 2 (мад(д), зиёд; ҷазр, нуқсон; азим, бузург, баланд...) то 7 (*мардум, оламиён, ҷамоат, халоиқ, авом, тоифа, ом*...) муродиф ба кор рафтааст, ки дар баробари гуногунрангии забони асар, ҳамзамон, то кадом андоза ғанӣ будани таркиби луғавии забони давр (а.XIII)-ро инъикос менамоянд: Китобро бад-ин фасл хатм кардем ва суханро бар дуои давлати Худованди **олам**, подшоҳи рӯи **замин**, фармондеҳи Машриқу Мағриб, ки умраш ҷовидон бод ва авомири аълоро дар фазои **ҷаҳон** нифози қазои осмон [166-167]. Чунонки дидан мумкин аст Бакрон дар як ҷумла 3 калимаи ҳаммаъноро бамаврид овардааст. Нависанда ба тобишҳои маъноии калимаҳо аҳамият дода, бойигарии луғавии забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва ғайраро хеле васеъ истифода намудааст: «Начд» болоро гӯянд дар луғати араб ва «ғавр» нишебро... [157]; «Мад(д)» зиёдат шудани об аст ва «ҷазр» нуқсони он [80]. Бакрон калимаҳои номафҳум (начд, ғавр, мад(д), ҷазр)-ро тавассути зикри муродифот (боло, нишеб, зиёд, нуқсон) шарҳ додааст, ки қисме аз лиҳози баромад ба забони арабӣ ва гурӯҳи дигар ба забони тоҷикӣ мансубанд. Муаллиф зимни таълифи асар кӯшидааст, ки забони он аз ҳар ҷиҳат фаҳмову шево бошад ва далели ин шарҳи вожаҳо ба тавассути овардани муродифот мебошад.

Боз як нуктаро дар мавриди муродифот қайд намудан бамаврид аст, ки олимони забоншинос ин гуна унсурҳои луғавиро баробармаъно ва наздикмаъно мешуморанд ва дар асари мавриди назар низ мо ҳар ду гурӯҳи чунин вожаҳоро мушоҳида намудем. Масалан, дар гурӯҳи муродифоти *биёбон, бодия, кавир, дашт, саҳро, дара; лофи бемаънӣ, палидзабонӣ, сухани сард (гуфтан); аҷоиби бениҳоят, аҷоиби бисёр, бағоят, бузург, азим; ниҳоят, анҷом, охир, тамом* ва ғ. ҳамаи калимаҳо баробармаъно бошанд, пас дар гурӯҳи *ҷаҳон, олам, замин; диёр,*

мамлакат, замин, мавзеъ, сағр, ҳудуд ва амсоли инҳо чанд калимаи наздикмаъно низ ҳаст.

2.4. Калимаҳои зидмаъно. Дар таркиби «Ҷаҳоннома» ба воситаи ин гурӯҳи калимаҳо дар аксар маврид маъно ва матлаб боз ҳам дақиқтару саҳеҳтар инъикос ёфтааст. Аз ҷумла Бакрон ба тавассути антонимҳои *андак – азим, сабо – дабур, ҷастан – нишастани бод* хатарнок будани Ҷубилот ном мавзеи ҳамшафати Торонро инъикос кардааст: Ва ба наздикии Борон мавзеи дигар аст… ва ба **андак** боде он ҷо мавҷҳо хезад **азим** ва киштӣ ғарқ кунад. Ва чун боди **сабо** ё **дабур ҷастан гирад**, киштӣ бибанданд, то вақте ки бод **биншинад** [80]. Аз антонимҳои зикршуда калимаи «**дабур**» то андозае аз истифода бозмондааст. **Дабур** – вожаи арабӣ буда, муқобили боди **сабо** он боде аст, ки аз ҷониби шарқ мевазад, яъне дабур боди аз тарафи ғарб вазандаро ифода менамояд.

Ҷолибияти асар дар он аст, ки аксари вожаҳои муқобилмаъноро худи муаллиф ба василаи зикри муродифҳо аз забонҳои ғайр шарҳу тавзеҳ додааст: начд – боло, ғавр – нишеб, мад(д) – ҷазр, зиёд – нуқсон ва ғ., ки мисоли чанде аз онро дар фасли муродифот зикр намудем.

Зимни мутолиа ва ҷустуҷӯи вожаҳои муқобилмаъно мо ба як хусусияти фардии асар дучор шудем, ки ин ҳам бошад, дар номи мавзеъ ва ё ашё баён гардидани маъноҳои зид аст. Масалан, дар фасли ҳаштум зимни овардани маълумот дар бораи ҷазираҳо, ба монанди дигар мавзеъҳо, ҳамчунин номи ҷазираҳо низ тавзеҳ ёфтааст: Ҳам дар ақсои шимол дар ҷониби машриқ аз ҷазираи «Мулӣ» гуфтем ду ҷазира аст, ки якеро «**Амронусу-р-риҷол**» мегӯянд ва дигарро «**Амронусу-н-нисо**» ва ҳамоно ин лафзи «амронус» румӣ аст. Ва ин ҳар ду ҷазираи ба ҳам наздик аст, дар яке ҳама **мардон** бошанд ва дар дигар ҳама **занон** [93].

Ба ин монанд, барои мушаххас намудани маълумоти гуногун муаллиф дар асар ин гуна унсурҳои забонӣ, яъне антонимҳоро ба таври фаровон истифода намудааст, ки аз рӯйи ифодаи маъно ба таври зерин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

1) Аломату хусусият: баланд – паст, нек – ганда, танҳо – ҷамъ, сахт – нарм...

2)Муносибат ва вазъу ҳолат: ҳалок кардани шахсе – сиҳат додани шахсе манфиат – мазаррат, зинда – мурда, обод – хароб...

3)Миқдору андоза: тафсил – иҷмол, аризтар – камтар, итноб (сухани дароз, татвили калом – Ф.Қ.) – эҷоз (мухтасарбаёнӣ – Ф.Қ.)...

4) Мавқеъ/намуд, масофа ва самт: зоҳир – ботин, дур – наздик, иртифо – зер...

5) Замон ва вақт: шаб – рӯз, тобистонӣ – зимистонӣ, аввали моҳ – охири моҳ...

Ҳангоми таснифи антонимҳо вобаста ба мансубияти забонӣ маълум гардид, ки бо миқдори назаррас дар ҷойи аввал вожаҳои аслии тоҷикӣ ва баъдан калимаҳои иқтибосии арабӣ қарор доранд:

а) Тоҷикӣ – тоҷикӣ: баланд – паст, берун – дарун, беш/бисёр – кам/андак, боло – нишеб, бузург – хурд, дароз – кӯтоҳ, дур – наздик, дӯст – душман, зер – забар, зимистонӣ – тобистонӣ, зинда будан – мурдан, нек – ганда, пӯшида –

кушода, рӯз – шаб, сиёҳранг – сапедпӯст, сардсер – гармсер, торик – равшан, фароз – фурӯ, фарох – танг, чап – рост, ширин – турш;

б) Арабӣ – арабӣ: аввал – охир, васатуссамоъ – таҳтуларз, сабо – дабур (бод), зиёдат – нуқсон, зоҳир – ботин, мад(д) – ҷазр, мабдаъ – ниҳоят, манфиат – мазаррат (расонидан), наҷд – ғавр, савоб (дуруст) – хато, тафсил/тӯлонӣ – мухтасар/иҷмол (тӯл), хатар/ҳалок – халос/наҷот;

в) Арабӣ – тоҷикӣ: ариз – кам, сиҳат – бемор, васеъ – танг, зиёд – кам, хароб – обод, рутубат – хушкӣ, фоида – зиён;

г) Тоҷикӣ – арабӣ: оғоз – тамом, танҳо – ҷамъ, тоқ – ҷуфт.

Боби сеюм **«Ономастикаи асар ва таснифоти он аз рӯйи маъно ва сохтор»** ном дорад, ки аз чаҳор фаслу чаҳор зерфасл таркиб ёфтааст. Чи тавре ишора гардид, мавзӯи меҳварии «Ҷаҳоннома»-ро зикру баррасии номи мавзеъҳо ва ашхоси ба он рабтдошта ташкил медиҳад ва дар илми забоншиносӣ ин гурӯҳи луғавиро «ономастика» унвон кардаанд. Бо мақсади равшанӣ андохтан ва муайян намудани хусусиятҳои номвожаҳои ин соҳа мо пас аз зикри маълумоти назарӣ-таҳқиқии муҳаққиқон ва бо такя ба онҳо таркиби луғавии «Ҷаҳоннома»-ро таснифу таҳлил намудем.

Асоси таркиби луғавии асарро онимҳо ташкил медиҳанд, ки ҳар кадоме, дар навбати худ, ба шохаву соҳаҳои гуногуни ономастика марбутанд ва баррасии он аз аҳамият холӣ набуда, барои рушди номшиносии тоҷик маводи хубу фаровоне хоҳад дод: …**Барбариён** қавме будаанд, дар қадим сокини ҳудуди **Фаластин** аз навоҳии **Шом** ва подшоҳи эшон **Ҷолут** будааст… [125]; Маскани **ғузон** дар асл **Тороб** ва буҳайраи **Ҷанд** будааст» [126]; Дар ҳудуди **Мукрон** аз сӯи **Кирмон** кӯҳе аст, ки онро «**Палангон**» хонанд... [136].

Дар ҷумлаҳои боло 10 оним мушоҳида мешавад, ки ба шохаҳои гуногуни ономастика (Ҷолут – антропоним; барбариён, ғузон – этноним; Фаластин, Шом, Тороб, Мукрон, Кирмон – ойконим; Палангон – ороним; Ҷанд – гидроним) алоқаманд мебошанд. Ба ин монанд, мо дар таркиби асар номҳои зиёди марбут ба шохаҳои гуногуни ономастикаро пайдо намудем, ки ин мавзӯъ дар зерфаслҳои боби мазкур ба таври васеъ баррасӣ меёбад.

3.1. Антропоним ва этнонимҳо. Дар аксари осори адабиёти классикии тоҷику форс номи шахсиятҳои таърихӣ ба назар мерасанд, ки бо корнамоиҳои бемисли хеш маъруфият доранд. Зимни ҷустуҷӯи ин гурӯҳи луғавӣ дар таркиби «Ҷаҳоннома» миқдори назаррасеро мушоҳида намудем, ки барои баёни матлаби муаллиф чун унсури муҳимми муаррификунанда ба кор рафтаанд: Ҷоба мамлакате азим аст… ва подшоҳи онро **Меҳроҷ** хонанд [93]. Ба назар чунин мерасад, ки сухан дар бораи вожаи маъхуз аз забони санскрит – *Маҳроҷ* меравад. Ин вожа мураккаб буда, аз ду реша иборат аст: *маҳ* (маҳо) + *роҷа* ба маънии «роҷаи бузург». Одатан бо ин ном бузургтарин подшоҳони Ҳиндустонро ном мегирифтанд[16].

Ва ҳамчунин сурати **Ширин** аст ва бисёр суратҳои дигари аз санг тарошида дар ин кӯҳ [110-111]. Номвожаи *Ширин* (**Shirên**) маънои «латиф, нозук»-ро дошта,

---

[16] Бурҳон, Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезӣ. Бурҳони қотеъ. Бо эҳтимоми М.Муин. Ҷ.-ҳои 1-4. – Теҳрон: Афсат Рашидия, 1342. Ҷ.2. –С. 21890.

аз шахсиятҳои таърихӣ – маъшуқаи армании Хусрави Парвиз ва, ҳамзамон, аз қаҳрамонҳои асосии достонҳо аст ва имрӯз ӯро асосан чун образи адабӣ мешиносанд[17].

Дар маҷмуъ, дар «Ҷаҳоннома» номи зиёда аз 30 ашхоси гуногун ва лақабу тахаллусҳо зикр гардидааст, ки мо онҳоро вобаста ба хусусияту машғулияташон гурӯҳбандӣ намудем:

1. Ном ва лақаби шоҳону асосгузорон*: Абулфатҳ Муҳаммади Хоразмшоҳ* [59], *Искандар/Зулқарнайн* [70; 133], *Меҳроҷ* [151], *Санҷар ибни Маликшоҳ* [126], *Хусрави Парвиз* [135]...;

2. Донишмандон ва адибон*: Носири Хусрав* [63], *Бӯрайҳони Берунӣ* [79], *Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Хурдодбеҳ* [63]…;

3. Шахсиятҳои таърихӣ ва қаҳрамонҳо: *Ширин* – завҷаи Парвиз ва, ҳамзамон, аз қаҳрамонҳои асосии достонҳо [110-111], *Бӯисҳоқ* – қаҳрамону ҳунарманд, падидоварандаи кони пирӯза [148]…;

4. Паёмбарон ва пешвоёни дин*: Одам* [59], *Нӯҳ* [109], *Муҳаммад (с)/Расул (с)* [59; 108], *Умар* [158].

Дар баробари ин гурӯҳи луғавӣ дар таркиби асар миқдори **этнонимҳо** (номи миллату қавму қабоил ва элу авлод) низ назаррасанд, ки ҳар кадоме бо хусусияти хеш муаррифӣ ёфтаанд. Аз ҷумла: *сомониён* [127], *манқишлоғ* [126], *язир* [126], *бароҳима* [165], *порс* [127], *рум* [155], *рус* [165] ва ғ., ки маҷмӯан 50 ададро ташкил медиҳанд: **Аҳли Бухоро**. Гӯянд, ки асли **аҳли Бухоро** аз Истахри Порс аст, хусусан мулуки **Сомониён**, ки ба сабаби баъзе аз вақоеъ ба Бухоро афтодааанду он ҷо сокин гашта [127].

Аз рӯйи баромади забонӣ антропоним ва этнонимҳои таркиби «Ҷаҳоннома»-ро ба гурӯҳҳои *аслӣ* (Анӯшервон, Хусрави Парвиз, Ширин, порсӣ ва ғ.) ва *иқтибосии арабӣ-сомӣ* (Абдуллоҳ, Бӯрайҳон, Муҳаммад (с), Носир, Сулаймон, ҳимяриён, ҳузом ва ғ.), *юнонӣ* (Искандар – муарраби Александрос, қайсар, саклобӣ – муарраби склавини, яъне словянҳо, андалусӣ (аз andalusia) ва ғ.), *лотинӣ* (румӣ – аз rôma), *ибрӣ-яҳудӣ* (Одам (а), Довуд (а), Мӯсо (а), Исҳоқ ва ғ.), *санскрит-ҳиндӣ* (Меҳроҷ, бараҳман ва ғ.) ва *туркӣ* (Санҷар, турк, қарохазар, манқишлоғӣ, халаҷ ва ғ.) тасниф намудан мумкин аст.

3.2. Топонимҳо ва таснифоти он дар асоси мавзеъҳои номгузорӣ. Маълум аст, ки мавзеъҳо аз ҷиҳати марзу ҳудуд гуногунанд ва барои инъикоси мушаххасии ин масъала топонимҳо низ дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) *макротопоним* (номи ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, биёбон ва ғ.) 2) *микротопоним*, ки мавзеъҳои нисбатан хурдтарро фаро мегирад (дашт, чарогоҳ, марғзор ва ғ.). Қайд намудан бамаврид аст, ки асари номбурда аз ин ҷиҳат хеле бою рангоранг буда, макротопоним ва микротопонимҳои гуногуни тасвирёфтаро дар зерфаслҳои боби мазкур дар алоҳидагӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

3.2.1. Ойконимҳо. Дар «Ҷаҳоннома» ойконимҳои зиёде зикр гардида, ҳар кадоме бо сифоти хосу гуногун тасвир шудаанд, ки вобаста ба мавзеи номгузоришуда ба зершохаҳои зерин ҷудо намудем:

---

[17] Деҳхудо, А. Луғатнома. Иборат аз 15 ҷилд. –Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1337. Ҷ.2. –С. 1325.

